## ЁРИИ ИҶТИМОӢ

Ба гирифтани ёрии иҷтимоӣ шаҳрвандони хориҷӣ (инчунин аъзои оилаи онҳо), ки дорои «вид на жительство» – иҷозати истиқомат мебошанд ва хориҷиён – аъзои оилаи шаҳрвандони ФР ҳуқуқ доранд.

Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ ба Комплексные центры социального обслуживания населения (КЦСОН) – (Марказҳои маҷмуъии хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ - ММХИА)-и ноҳиявӣ (дар ҷои қайд) муроҷиат бояд кард .

Барои гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази иттилоотию методии «Семья»: 190068, кӯчаи Садовая, хонаи 55-57, литери А, телефон: 8 (812) 417-31-51 муроҷиат кардан мумкин аст.

Суроғаҳои Марказҳои ёрии иҷтимоии оила ва фарзандонро дар сайти: homekid.ru/spravochnik-po-rajonam.html дарёфт кунед.

## ТАҲСИЛОТИ ФАРЗАНДЛОНИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР РОССИЯ

Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ, ки худашон ё яке аз волидонашон дорои сабти қайд (шаҳодатномаи қайди баҳисобгирии муҳоҷират) мебошанд, ҳуқуқи ба кӯдакистон ё мактаб шомил шудан доранд.

**Барои ба кӯдакистон шомил шудан ба МФЦ - многофункциональный центр (МБҶ - марказҳои бисёрҷабҳа) дар ҷои қайд муроҷиат кардан даркор аст. Рӯйхати МФЦ (МБҶ):** *gu.spb.ru/mfc/list* , 8 (812) 573-90-00

Волидони бачаҳои синни мактабӣ тибқи қонун уҳдадоранд, ки фарзандонро ба мактаб диҳанд.

**Барои ба мактаб шомил шудан ба РОНО** - шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кардан даркор аст. Суроғаи шуъбаи маорифи ноҳияи худро ба воситаи интернет ё бо муроҷиат кардан ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаҳмидан мумкин аст.

**Агар волидон ба мактаб муроҷиат карда, ҷавоби рад гиранд, ба шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кардан лозим аст, ки вазифадор аст дар яке аз мактабҳои ноҳия ҷой ёбад.**

**Ҳуҷҷатҳо барои кӯдакистон ва мактаб (инчунин нусхаи ҳамаи онҳо лозим аст):**

- шиносномаи фарзанд ва шиносномаи яке аз волидон;
- шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
- корти муҳоҷирати фарзанд ва яке аз волидон;
- маълумотнома дар бораи ба қайди муҳоҷират гузоштани фарзанд ва яке аз волидони ӯ (дар он ноҳияе, ки фарзанд ба мактаб ё кӯдакистон меравад);
- корти тиббие, ки фарзанд дорад;
- маълумотномаи тиббии 026 ва сертификати эмкунӣ (дар клиникаҳои тибби бачагон бо пул дода мешавад);
- парвандаи шахсии фарзанд аз мактаби пешинааш (агар пештар таҳсил карда бошад).

Маъмулан инчунин тасдиқи нотариалии ҳуҷҷатҳо ба забони русӣ, баъзан полиси тиббии фарзанд талаб карда мешавад.

Агар яке аз волидон шаҳрванди ЕАЭС ва дорои шартномаи меҳнатӣ бошад, қайди фарзандро бо ин асос ба муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дароз кардан мумкин аст.

**Дар кӯдакистонҳо аксар вақт ҷой намерасад ва хеле интизор шудан пеш меояд. Аммо донистан муҳим аст, ки бачаро ба мактаб ҳамон замон қабул карданашон ҳатмист!**

**Агар дар бораи қабул ба мактаб мушкиле пеш ояд, ба Комитети маориф муроҷиат кардан мумкин аст, бо тел.: 8 (812) 576-20-19, 8 (812) 576-18-36, 8 (812) 576-18-76, 576-18-74.**

**Дар сурати поймолшавии ҳуқуқи кӯдак инчунин ба Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак муроҷиат кардан мумкин аст: spbdeti.org, 8(812) 576-70-00**

Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми ба мактаб қабул кардан кӯдак бояд аз суҳбати муаллимон гузарад, то дар кадом синф таҳисл кардани ӯро муайян кунанд. Агар бо сабаби ба сатҳи зарурӣ надонистани забони русӣ муаллимон пешниҳод кунанд, ки кӯдак як синф поёнтар хонад, боке нест.

**Агар барои тайёрӣ ба мактаб, омӯхтани забони русӣ ва мутобиқшавии кӯдак ёрӣ лозим шавад, ба ташкилоти ҷамъиятии «Дети Петербурга» (Фарзандони Петербург): detipeterburga.ru, +7 911 773-77-87 муроҷиат кардан мумкин аст. Ташкилот машғулиятҳои бепул, урдугоҳҳои шаҳрӣ ва дигар чорабиниҳоро барои бачаҳо мегузаронад.**

**Шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳар ҳолати мушкил барои дастгирии бепули ҳуқуқӣ ба ташкилоти ҷамъиятии БФ «ПСП-фонд» муроҷиат карда метавонанд: psp-f.org, 8 (812) 337-57-85.**

**Маълумоти муфид оид ба масъалаҳои гуногун ва маслиҳатҳо дар бораи мутобиқшавӣ ва дастгирии ҳуқуқиро дар портали байниминтақавии иттилоотӣ migrussia.ru пайдо кардан мумкин аст.**

---


Буклет «Социальная помощь, медицинская помощь, образование детей» (на таджикском языке).

Разработан БФ «ПСП-фонд».

Авторы-составители: Якимов А.Н., Алимова Е.Л.


БФ «ПСП-ФОНД»

ХУШ ОМАДЕД БА **САНКТ-ПЕТЕРБУРГ!**



# ЁРИИ ИҶТИМОӢ, ЁРИИ ТИББӢ, ТАҲСИЛИ ФАРЗАНДОН

## БА ЁРИИ МУҲОҶИРИ КОРӢ

2018
2019

# ЁРИИ ТИББӢ

**Шаҳрвандони хориҷӣ бояд ҳатман полиси суғуртаи тиббӣ дошта бошанд! Агар Шумо полис надошта бошед – Шуморо метавонанд аз сарҳад нагузаронанд, ҷарима банданд, ё ҳатто аз Россия берун (депорт) кунанд!**

Полиси тиббӣ ду намуд мешавад:

- ОМС (обязательного медицинского страхования) – СҲТ (суғуртаи ҳатмии тиббӣ).
- ДМС (добровольного медицинского страхования) – СИТ (суғуртаи ихтиёрии тиббӣ).

**Шаҳрвандони давлатҳои аъзои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон), агар бо шартномаи меҳнатӣ кор кунанд, метавонанд полиси ОМС - СҲТ - ро бепул гиранд.**

Барои ин ба поликлиника (дармонгоҳ)-и ҷойи қайд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:

- шиноснома (маъмулан тасдиқи нотариалии тарҷумаи он ба забони русӣ талаб карда мешавад);
- СНИЛС (страховой номер индивидуального лицевого счёта) – РСҲШИ (рақами суғуртавии ҳисоби шахсии инфиродӣ), ки онро аз Пенсионный фонд – Фонди нафақа ё Многофункциональных центрах (МФЦ) - МБҶ (марказҳои бисёрҷабҳа) гирифтан мумкин аст;
- шартномаи меҳнатӣ (аслӣ, на нусха!);
- корти муҳоҷирӣ;
- сабти қайд (қайди ба ҳисоби муҳоҷирӣ гирифтан, регистратсия).

**Полиси ОМС (СҲТ) фақат бепул ба расмият дароварда мешавад!**

Инчунин полиси ОМС (СҲТ)-ро шаҳрвандони хориҷие гирифта метавонанд, ки чунин ҳуҷҷатҳо доранд:

- разрешение на временное проживание (РВП) – ИИМ (иҷозати истиқомати муваққатӣ);
- вид на жительство (ВНЖ) - ИБИ (иҷозат барои истиқомат);
- шаҳодатномаи пешниҳоди паноҳгоҳи муваққатӣ;
- шаҳодатномаи гуреза.

> ❗ *Дар ҳама мавридҳои дигар шаҳрванди хориҷӣ бояд мустақилона полиси ДМС (СИТ) харад.*

Полиси ДМС (СИТ)-ро дар идораҳои ширкатҳои суғурта (суроғаҳояшонро дар интернет, ё агар интернет набошад, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат карда, пайдо намудан мумкин аст), инчунин дар шуъбаҳои «Почта России» («Почтаи Россия») метавон гирифт.

Нархҳои полиси ДМС (СИТ) фарқ мекунанд: ҳар қадар ки полис қимат бошад, имконияти дастрасӣ ба ёрии бештари тиббӣ дастрас мешавад. Масалан, хизматрасонии стоматологӣ танҳо дар сурате расонда мешавад, ки он дар барномаи суғурта сабт шуда бошад. Ин масъалаҳоро сари вақт, ҳангоми харидани полис ҳал кардан даркор аст. Полиси ДМС (СИТ) барои бачаҳо (махсусан, синни томактабӣ) назар ба полис барои калонсолон қимматтар аст.

**Хеле муҳим аст: агар зан ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд аз хизматрасонии тиббии нақшавӣ баҳравар шудан хоҳад, ҳатман ин масъаларо дар вақти сабти полиси ДМС (СИТ) бояд баён кунад, зеро ин ба барномаи махсуси суғурта дохил мешавад.**

Барои сабти полиси ДМС (СИТ) ин ҳуҷҷатҳо зарур мебошанд:

- шиноснома бо тасдиқи нотариалии тарҷумаи он ба забони русӣ;
- корти муҳоҷират;
- қайди сабт (маълумот дар бораи сабт дар баҳисобгирии муҳоҷират).

Полиси ДМС (СИТ)-ро метавонад корфармои шумо (аммо вазифадор нест!) дастрас кунад.

> ❗ *Дар Россия расондани ёрии таъҷилии тиббӣ БЕПУЛ аст!*

Ёрии таъҷилӣ (ё фаврӣ)-и тиббӣ – ёриест ҳангоми таҳдиди ҷиддӣ ба ҳаёти инсон.

**Ёрии таъҷилиро бо рақамҳои 112 ё 103 аз телефони мобилӣ даъват кардан мумкин аст (ҳатто он маблағи кофӣ надошта ё хизматрасонияш қатъ шуда бошад).**

**Дар кадом ҳолат ёрии таъҷилиро даъват кардан зарур аст:**

- қатъ шудани нафаскашӣ;
- беҳушӣ;
- ҳангоми ҳодисаҳои нохуш (садамаҳои наклиёт, афтодан аз баландӣ ва ғайра);
- ҳангоми дарди шадид, дарди шикам ё дигар таъсироти ҳомиладорӣ;
- ҳангоми осебҳои шадид;
- ҳангоми заҳролудшавӣ;
- ҳангоми дарди сахт ва нагузарандаи шикам;
- ҳангоми таби баланд (баландтар аз 38,5);
- ҳангоми хунравӣ;
- ва ҳангоми дигар таҳдидҳо ба ҳаёт ва саломатии инсон.

> ❗ *Ҳатто полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат надошта бошед ҳам вазифадоранд, ки ба Шумо ёрии таъҷилии тиббӣ расонанд!*

**Агар ёрии таъҷилӣ ба даъвати Шумо омадан нахоҳад ё табобати Шуморо рад кунад, ба телефони шикоятҳо оид ба кори ёрии таъҷилӣ занг занед: 8 (812) 571-45-04.**

Ҳамчунин дар сурати мушкилоти дастрасии ёрии тиббӣ ба телефонии доғи Вазорати ҳифзи тандурустӣ занг задан мумкин аст: 8 800 200-03-89.

Боз ба Комитети ҳифзи тандурустии Санкт-Петербург: кӯчаи Малая Садовая, х. 1, телефонҳои 8 (812) 595-89-79, 8 (812) 571-09-06 дар ин бора шикоят карда метавонед.

Оид ба гирифтани маълумот дар бораи беморони, ки ёрии таъҷилӣ бурдааст, ба бюрои сабти ҳодисаҳои нохуш занг занед: телефонҳои 8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63.

Телефонҳо ва суроғаҳои беморхонаҳо, дармонгоҳҳо, дорухонаҳо, нуқтаҳои осебшиносӣ, таваллудхонаҳо ва нуқтаҳои ёрии таъҷилиро дар Санкт-Петербург аз сайти migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru дар бахши «Медицинская помощь» («Ёрии тиббӣ») ёфта метавонед.

Бе полиси тиббӣ ҳам тести ВИЧ-ро бепул ва махфӣ супурда, машварат гирифтан мумкин аст. Бо ин мақсад ба «Центр по профилактике и борьбе со СПИД и инфекционными заболеваниями» (Маркази пешгирӣ ва мубориза бо СПИД ва касалиҳои сироятӣ) муроҷиат кунед:

Ҳуҷраи махфӣ: наб. Обводного канала, х.179, 1-ум ошёна, ҳуҷ.109, душанбе-панҷшанбе: 09.00-19.00, ҷумъа: 09.00-13.00, 8 (812)575-44-05

Нуқтаи Пешгирии ВИЧ-инфексия: наб. Обводного канала, х.179 (дар ҳавлӣ, даромадгоҳ аз зери арк ба рост) душанбе-ҷумъа: 12.00-18.00, +7(952)362-87-83

Муфассал: *hiv-spb.ru*